# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии № _________**
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 17.02.2024, №26**

Барои сазовор донистани Абдулов Дилшод Назарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент).

Диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи "Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) санаи 8 декабри соли 2024 бо суратмаҷлиси №24 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, таҳти №350 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдулов Дилшод Назарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 апрели соли 1986 таваллуд шудааст. Соли 2009 Донишгоҳи Давлатии Кӯлобро, аз рӯйи ихтисоси иқтисодчӣ менеҷер хатм намудааст. Аз соли 2009 ассистент, мудир ва то ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Ғаниев Таварали Бобоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Муҳаббатов Холназар Муҳаббатович** - доктори илмҳои география, профессори кафедраи методикаи таълими география ва туризми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

**Урунбаева Нигина Абдумухторовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи

давлатии молия ваиқтисоди Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар -** Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст.

Тақризи муассисаи мазкур аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аброр таҳия шуда, дар ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи №9, аз 26 декабри соли 2023).

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки натиҷаҳои диссертатсия аз асосноккунии ҷанбаъҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди механизми иқтисодии идоракунии захираҳои табиӣ ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили самтҳои асосии таъмини истифодабарии захираҳои табиӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович ҳамчун кори илмии ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шудааст. Баъзе аз муқаррароти натиҷаҳои таҳқиқотро дар фаъолияти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи "Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон" бо талаботи бандҳои 31-37 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ ва ҷавогӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии ба табъ расидаи унвонҷӯ таркиб ва муҳтавои асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

**[1-М]. Абдулов Д.Н.** Роялти ҳамчун механизми молиявии истифодабарии захираҳои обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]/Абдулов Д.Н.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иҷтисодӣ ва ҷамъиятӣ.-Душанбе: "СИНО", 2016. - №2 (204). - С.84-87.

**[2-М]. Абдулов Д.Н.** Барномаҳои комплексии истифодаи самараноки зихираҳои обию энергетикӣ ва дастовардҳои он дар давраи соҳибистиқлолии

Тоҷикистон [Матн]/Абдулов Д.Н.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.-Душанбе: “СИНО”, 2017.- №2/4. -С. 84-87.

**[3-М]. Абдулов Д.Н.** Равишҳои назариявӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ дар шароити муосир[Матн]Абдулов Д.Н., Ғаниев Т.Б. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: “СИНО”, 2023.-№ 3.-С.98-105.

**[4-М]. Абдулов Д.Н.** Роҳҳои устуворсозии идоракунии стратегии рушди босуботи захираҳои табиӣ дар шароити системаҳои навини иқтисодии асри XXI [Матн]/Абдулов Д.Н., Ғаниев Т.Б.// Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара (Маҷаллаи илмӣ) -№4 (22).- С-200-204.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

**[5-М]. Абдулов Д.Н.** Истифодабарии сарватҳои табиӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти он. [Матн]/Абдулов Д.Н.// Паёми ДДК ба номи А.Рӯдакӣ.- 2014., № 2 (11).- С-86-89.

**[6-М]. Абдулов Д.Н.** Экология, иқтисодиёт ва чорабиниҳои ҳифзи экологӣ /Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ «Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар таёр намудани мутахассисон» бахшида ба 70 солагии ДДК, 22.04.23. [Матн]/ Абдулов Д.Н.- ш.Кӯлоб, 2023.-С-34-36.

**[7-М]. Абдулов Д.Н.**Низоми андозситонии истифодаи захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]/Абдулов Д.Н.// Паёми ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2016. №1(14).- С-144-149.

**[8-М]. Абдулов Д.Н.** Механизм экономической оценки природным ресурсам Р.Т. и его финансирования /VII Международная научная конференция «Современная экономика» [Матн]/Абдулов Д.Н./ 30.12.2016.-г. Кемерово, РФ. -С.4-10.

**[9-М]. Абдулов Д.Н.** Барномаҳои рушди комплекси сузишворию энергетики Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015. [Матн]/Абдулов Д.Н./ Мушкилиҳои ҳозираи иқтисодиёт /Маводи конференсияи байналмилалӣ, (Самара, 13.07.2016 г.). - Самара, 2016. - С.40-46.

**[10-М]. Абдулов Д.Н.** Топливно-энергетический комплекс Республики Таджикистан как фактор развития экономики. [Матн]/Абдулов Д.Н. //Молодой учений. -Казань, 2016. №18 (122). С. 211-216.

**[11-М]. Абдулов Д.Н.** Механизм экономической оценки природных ресурсов Республики Таджикистан и его финансирования. /Современная экономика. [Матн]/Абдулов Д.Н./ Материалы международной научной конференции, (30.12.2016 г., Кемерово). - Кемерово, 2016. - С. 34-41.

[12-М]. **Абдулов Д.Н.** Анализ основных элементов механизма природоохранных мероприятий в Республике Таджикистан// Наука як рушнийя антикризова сила [Матн]/Абдулов Д.Н./Материалы международной заочной конференции (30.09.2016 г.) -Киев, 2016. - С.122-126.

[13-М]. **Абдулов Д.Н.** Концепция развития отраслей топливно-энергетического комплекса РТ на период 2003-2015 гг. [Матн]/Абдулов Д.Н./ 5-я Международная научная конференция «Проблемы современной экомики», РФ. -г. Самара//Экономически журнал «Молодой учёный», №12(114). 9.07.16.-С.40-44.

[14-М]. **Абдулов Д.Н.** Механизм рационального природоползования в системе финансовых отношений/[Матн]/Абдулов Д.Н./ Международной научно-практической конференции «Экономика и управление в XXI веке стратегия устойчивого развития", 5.09.2017.- г. Пенза, РФ. - С.16-20.

[15-М]. **Абдулов Д.Н.** Низоми андозситонии истифодаи захирахои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]/Абдулов Д.Н./ Ахбори АИ ҶТ.-Душанбе, 2017.-№4 (420).-С.111-115.

[16-М]. **Абдулов Д.Н.** Формирование кластерной политики как основы инновационной ориентированности и конкуренспособности региона. /Конференсияи илмӣ-назариявӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ [Матн]/Абдулов Д.Н./- ш.Кӯлоб, 2018. - С14-19.

[17-М]. **Абдулов Д.Н.** Механизмҳои баҳодиҳи ба сарватҳои табиӣ вилояти Хатлон. /Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони ва донишҷӯёни ДДК ба Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2019 Бахшида ба солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ», 23-25 апрели соли 2020. [Матн] /Абдулов Д.Н.-ш.Кӯлоб, 2020.- С.14-19

[18-М]. **Абдулов Д.Н.** Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба обҳои ошомидании Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи Бахшида ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор». [Матн]/Абдулов Д.Н./ -ш.Кӯлоб, 2021. -С.185-188

[19-М]. **Абдулов Д.Н.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди сайёҳӣ ва рейтингҳои умумиҷаҳонӣ. Конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати олимону профессрони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/Абдулов Д.Н./ Конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои сиёсии Тоҷикистон", 29.10.21. С.-84-86.

[20-М]. **Абдулов Д.Н.** Партвоҳои саноати сабабгори вазъияти бади экологии ҶумҳурииТоҷикистон. [Матн] /Абдулов Д.Н./ Маводи конференсияи илмӣ назариявии ҳайати профессорону омузгорон бахшида ба эълон гардидани "Солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноат" ва бистсолаи омузиш ва рушди

фанҳои табиатшиноси ва дақиқ ва риёзи” солҳои 2020-2040, ҷилди 1.- ш.Кулоб 14-16 апрели соли 2022. С-5-6.

**[21-М]. Абдулов Д.Н.** Об барои рушди устувор. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ [Матн]/Абдулов Д.Н./ “Ҷумҳурии Тоҷикистон: ибтикорот дар масоили об ва рушди ҳазорсола Бахшида ба эълони Даҳсолаи байналмилалии то солҳои 2018-2028, ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 2022. С.185-188.

[22-М] **Абдулов Д.Н.** Партвоҳои саноати сабабгори вазъияти бади экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/ Абдулов Д.Н. / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омузгорон бахшида ба эълон гардидани “Солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноат” ва “бистсолаи омузиш ва рушди фанҳои табиатшиноси, дақиқ ва риёзӣ солҳои 2020-2040” ҷилди 1 ш. Кӯлоб 14-16 апрели соли 2022. – С.5-6.

**[23-М]. Абдулов Д.Н.** Асосҳои назазариявии методҳои идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ дар заминагузории рушди босуботи иқтисодӣ [Матн]/Абдулов Д.Н./ Конференсияи илмӣ-байналмилалӣ дар мавзуи Тоҷикистион ва ҷаҳонӣ муосир:уфуқҳои нави ҳамкориҳои илмӣ-иқтисодӣ ва инноватсионӣ дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар: Барномаи миёнамӯҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025., Донишгоҳи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб( ДТМИК), 28.10.2022.-ш. Кӯлоб: С.114-117.

**[24-М]. Абдулов Д.Н.** Гармшавии иқлим ва таъсири он ба пиряххо [Матн] /Абдулов Д.Н./ Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллохи Рудакӣ дар мавзуи “Энергияи сабз ва ҳифзи экосистемаҳои табиӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида ба эълон гардидани соли 2025 ҳамчун соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, 31.03.23.- ш. Кӯлоб, 2023.-С.15-17.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

**1. Ҷумъаев Б.М.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- дар ҳамаи ҷадвалҳо, накшаҳо, графикҳо ва дигар маводҳои айёни сарчашмаҳо ҳамчун баҳисобгирии муаллиф нишон дода шудаанд. Чунин муносибат ё худ алоқа бе касбият бе нишон додан дар асоси кадом сарчашмаҳо баҳисобгириҳои муаллиф оварда шудаанд, ки пешниҳод мегардад;

- дар матни автореферат хатогиҳои граматикӣ, орфографӣ ва услубӣ вомехӯрад.

**2. Кабиров С.Ҷ.**– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эродҳо:

-таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии рушди босубот оварда шудааст, аммо муаллиф пешниҳод накардааст, ки таҷрибаи кадоме аз ин давлатҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон созгор мебошад;

-дар кори мазкур баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

**3. Олимов С.И.** – номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи менеҷмент Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

-бояд қайд намуд, ки дар баробарӣ ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферати мазкур баъзе камбудиҳо ба монанди баъзан хатогиҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

**4. Асоев Б.Х.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб бо чунин эродҳо:

- Хуб мешуд, агар муаллиф ҳамзамон дар бораи корхонаи Хуаксин-и шаҳри Ёвон, ки асосан ба истеҳсоли сме нт машғул буда, таъсири манфии он ба муҳити атроф кам ба назар мерасад, рақаму далелҳо оварда таҳлили қиёси мегузаронид, як намуди олии таъсири ками партовҳо ба муҳити экологӣ ба ҳисоб мерафт.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон, мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии **муқарризон** барои пешниҳоди тақриз муайян карда шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳқиқоти илми дахлдор шинохташуда буда, имконоти баҳои воқеӣ додан ба арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ:**

- муқаррарот оид ба мафҳуми рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиии вилояти Хатлон тақвият дода шуда, нақши омили

захираҳои дар рушди иҷтимоиву иқтисодии вилоят ва ҷумҳурӣ ҳамчун омили таъсирбахши соҳаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва таъминкунандаи рушди босуботи иқтисодиёт асоснок гардида, механизмҳои такмилидии онҳо ва баҳои иқтисодӣ дар онҳо **муайян шуданд;**

- такмилдиҳи, усулҳо хусусиятҳо, методҳо, омилҳо ва фишангҳои мавҷудаи механизми истифодабарии сарфакоронаи захираҳои табиӣ муайян ва механизми номбурда ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, экологӣ, ҳуқуқӣ, техникию технологӣ ва тарбиявӣ ба мақсади таъмини нигоҳдорӣ ва барқароркунии ҳифзи муҳити зисти минтақа ва ҷумҳурӣ аниқ карда шуда, таҳияи механизмҳои мавҷудаи танзими давлатии ҷараёнҳои истифодабарӣ ва идоракунии рушди босуботи сарфакоронаи захираҳои табиӣ бо назардошти таҷрибаи хориҷии давлатҳои пешрафта дар самти мазкур **таҳқиқ гардидаанд**;

- ҳолати истифодабарии захираҳои табиӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он бо назардошти тақсимоти нобаробари ҳудудӣ ва солонаи захираҳои табиӣ, пастшавии иқтидори истеҳсолии захираҳои табиӣ, таҳия намудани харитаи муосири захираҳои табиӣ, ворид намудани технологияи пешқадами бепартов ва тақвият бахшидани ҳамкориҳои хориҷӣ дар ин соҳа ва дар асоси онҳо ташкили шаклҳои гуногуни истеҳсолот ва такмил додани онҳо бо мақсади расидан бо саноатикунонии босуръат мебошад, **арзёбӣ шудаанд;**

- дар асоси таҳлили усулҳои ва таҷрибаи идоракунии минтақаҳои гуногуни кишвар дар самти коркард ва нигоҳдории муҳити зисти солим ва безараргардонии истеҳсолот, дубора коркарди партовҳо, таҳияи лоиҳаҳои самаранок, таҳия намудани барноҳо ва консепсияҳои рушди босуботи истифодаҳои захираҳои табиӣ, банақгирии ҷойҳои корӣ ва истифодаи онҳо дар санаот **баҳодиҳӣ шудааст**;

- самтҳои асосии такмил додан ва идоракунӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ (такмили механизми иқтисодии идоракунии онҳой, ташкили стратегияи баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва коркарди дубораи онҳо дар асоси таҷрибаи пешқадам ва гузаштан аз усули мустақими идоракунӣ ба сатҳи минтақавии идоракунӣ, ҳудуди идоракунии давлатии захираҳои табиӣ минтақа қарордод бастидан бо соҳибкорони хориҷӣ, сохтору ҷузъҳои асосии механизми онҳо аз қабили банақшагирӣ ва молиягузории онҳо) ошкор ва усулҳои заминавии ҳисобкунии меъёрҳои пардохтҳо дар истифодабарии захираҳои табиӣ барои пардохтҳо **муайян шудааст**;

- дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар шароити тағйирёбии иқлим, ки масъалаи идоракунии ҳифзи захираҳои табиӣ ба яке аз

мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст, Тоҷикистон дар ин самт, ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст. Зимнан, тамоюли афзоиши аҳолӣ ва ниёзманди ба захираҳои табии махсусан об ва маҳсулотҳои нафту газ зиёд шуда истодааст таҳия ва **пешниҳод шудааст**;

- **исбот карда шудааст**, дар шароити тағйирёбиҳои босуръати ҷомеаи ҷаҳонӣ ва проблемаҳои экологии сайёра, яке аз масоили муҳимми рушди нерӯи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ ин масоили экологӣ мубаддал гаштааст.Хатари экологӣ дар рушди инсонӣ таъсири калони манфии худро гузошта, масъалаҳоеро ба миён меорад, ки ҳалу фасли онҳо аз доираи як давлату як миллат берун рафта, тамоми ҷомеъаи ҷаҳонии инсониро дар бар мегирад.

Дар кори илмӣ натиҷагирӣ шудааст, ки нигоҳдории ҳамешагии тавозуни захираҳои табиӣ ва талабот ба он истифодаи усулҳои гуногуни таъсир ба захираҳои табииро пешбинӣ мекунанд, ки аз инҳо иборатанд: техникӣ, меъёрию ҳуқуқӣ, молиявӣ, банақшагирӣ, ояндабинӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ ташкил медиҳанд.

**-фарзияи таҳқиқот** аз пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ оид ба эълон доштани солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити атроф”, “Барномаи беҳдошти ҷолибиятти сармоягузории соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2020, №385 тасдиқ гардидааст”, Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор, Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2026, Барномаи давлатии соҳаҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва дигар барномаҳои соҳавию байнисоҳавӣ оид ба истифода ва ҳифзи муҳити зист ва сарфакорона захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки мақсади ниҳоии ҳама ҳуҷҷатҳои номбурда истифодаи сарфакоронаи захираҳо дар ҳама сатҳу доираҳо ба шумор мераванд. Аз ин хотир, ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ - омӯзиш ва тақвияти муқаррарот оид ба асосҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди механизми идоракунии захираҳои табиӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба истифодаи сарфакоронаи онҳо қарор дода шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

**-асосҳои назариявию усулии таҳқиқотро, ки** таҳқиқотҳои бунёдии илмии муҳаққиқони классикии илми иқтисодиёт, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз он ҷумла олимони рус дар бахши истифодаи смараноки захираҳои табиӣ, ҳамчунин, таҳқиқотҳо дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ, иқтисодиёт ва истифодабарии захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист ташкил медиҳанд, **омӯхта шудаанд** ва муаллиф **илман асоснок** намудааст, ки механизми муайянкунии ифлосшавии муҳити атроф, бад шудани саломатии инсонҳо ба истифодаи усулҳои назарияви-амалӣ ва иқтисодӣ муайян шуда дар кори илмӣ пешниҳод шудааст;

-дар рисола ба мақсади муайянкунии механизмҳо ва самтҳои такмилдиҳӣ ва идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ ва самаранокии бо схемаи сохтори натиҷаҳои истифодаи онҳо тасвир, қоидаҳои асосии ҷалби захираҳо ба коркарди саноат таҳқиқ шуда, таснифу тавсиф, ҷанбаъҳо ва тамоюлҳои рушди босуботи истифодаи захираҳои табиии вилояти Хатлон **ошкор карда шудаанд;**

-услубу нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои мавҷудаи табиат дар вилояти Хатлон ва минтақаҳои он **тавсифу гурӯҳбандӣ карда шудаанд;**

**- вобаста ба предмети таҳқиқот** ҳангоми коркард ва таҳлили маълумотҳои оморӣ ва дигар ҳолатҳои иқтисодӣ усулҳои таҳқиқотии мафҳумию абстракти, мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, муқоисавӣ, анализу синтез, иқтисодию оморӣ **истифода шуданд:**

**-аҳамияти назариявии таҳқиқот,** ки аз натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои методии дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада иборат мебошанд, дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, банақшагирӣ ва муайян намудани дурнамои беҳсозии ҳолати истифодабарии захираҳои табиӣ вилояти Хатлон бо назардошти махсусиятҳои минтақавии онҳо истифода бурда хоҳанд шуд;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ мегардад:**

**муқарраротиа асосӣ** ва натиҷаҳои илмию пешниҳодоти дар кори диссертатсионӣ бадастомада барои баландбардории ва идоракунии такмили механизми истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва нигорҳдории муҳити ҳифзи зистисти вилояти Хатлон ва ҷумҳурӣ ҳамчун асосҳои назариявию услубӣ хизмат хоҳанд кард. Коркардҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба

захираҳои табиӣ ҷумҳурӣ ва минтақавӣ **баҳодиҳӣ ва дурнамои карда шаванд**.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқот**, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалии аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия бадастоварда имконият медиҳанд, ки беҳдошти самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ ва имкониятҳои такмилдии он, барқароркунӣ ва ҳифзи онҳо таъмин карда шаванд. Татбиқи пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои иқтисодии идоракунии истифодабарии захираҳои табиӣ баландбардорӣ ва ҷалби онҳо ба саноати коркард, таҳия намудани барномаҳои хурди соҳаҳои иқтисодиёт. Ҳамчунин, натиҷаҳои кори диссертатсионӣ имконият медиҳанд, ки стратегияи илмию асосноки истифодаи сарфакорона, ҳифз ва барқароркунии захираҳои табиӣ бо мақсади таъмини рушди босуботи минтақаи вилояти Хатлон таҳия карда шаванд.

Муаллиф дар такмилдиҳии навини механизми идоракунии самараноки захираҳои табиӣ ва механизмҳои ҷалби онҳо бо саноати коркард, танзими даромадноки ва таҳияи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои ширкаткунандагони лоиҳаҳо ва дигар усулҳои истифодаи ашёи маъданиро дар рисолаи диссертатсионӣ нишон дода, бевосита иштирок кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни таълими факултетҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми хондани дарсҳои лексионӣ, гузаронидани машғулияти амалӣ аз фанҳои «Идораи мақомоти маҳаллӣ», «Иқтисодиёти истифодаи сарватҳои табиат», «Географияи иқтисодию иҷтимоӣ» «Иқтисодиёти минтақавӣ» мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**-натиҷаҳои таҳқиқоти** методиву назариявии гузаронидашуда метавонанд дар оянда ҳамчун пояи маълумотӣ барои таҳқиқотҳо, коркард ва таҳияи барномаҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии ташаккул ва рушди механизми идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба истифодаи сарфакоронаи канданиҳои фоиданоки минтақаи вилояти Хатлон ва ҷумҳурӣ дар асоси такмили механизми иқтисодӣ кӯмак расонанд. Пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардашуда метавонанд дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ, шахсони ҳуқуқию воқеи, корхонаҳои саноати сабук ва дигар субъектҳои ҷумҳурӣ ва минтақавӣ ҳамчун дастурамал ва дурнамо истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- **ғоя** дар асоси муқарраароти эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти истифодаи сарфакоронаи захираҳои табиии минтақавӣ ва ҷумҳурӣ

бо маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти маводи санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он, маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, тавсияҳои муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, маводҳое, ки аз ҷониби муаллиф дар рафти кор дар татбиқи лоиҳаҳо ба даст оварда шудаанд, инчунин маводҳо аз Бонки ҷаҳонӣ ва захираҳои интернетӣ ташкил додаанд;

- **назарияи асосӣ ва таҳлилҳо** бо Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то солҳои 2030, барномаҳои миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018, таҳти №159), Барномаи амнияти озуқаворииҶумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, Пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ оид ба эълон доштани солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи ҳифзи муҳити атроф”, “Стратегияи рушди “Иқтисодиёти сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2026” ва дигар барномаҳои соҳавию байнисоҳавӣ оид ба истифода ва ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст;

- **истифодаи ғояи асосии диссертатсия** ба ақидаи олимони классикии соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти таҳқиқот ва арзёбии такмил додан ва идоракунии истифодаи захираҳои табиӣ вилояти Хатлон ва минтақаҳои он такя мекунад;

**-коркарди** тавсияҳои илман асоснок:

1) Дар рисола натиҷагирӣ шудааст, ки ҳангоми таҳлили масъалаҳои истифодаи сарфакоронаи захираи табиӣ мувофиқи мақсад аст, ки равиши минтақавӣ истифода бурда шавад. Ин имконият медиҳад ташкили ҳудудии истифодаи табиат бо сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси самаранокии онҳо ва рушди босубот дар якҷоягӣ баррасӣ карда шавад;

2) Дар асоси коркарди маълумотҳои бадастомада пешниҳод шудааст, ки бӯҳронҳои ҷаҳонии молиявию ашёи хоми табиӣ, бӯҳрони озуқаворӣи ҷаҳонӣ, норасоии захираҳои энергетикӣ, тамомшавӣ ва камшавии сарватҳои табиӣ, афзоиши биёбоншавию хушкшавии минтақаҳою баҳрҳо ва нобудшавии ҷангалзорҳо, ҳарчи зиёдшавии партовҳои заҳролуди саноатӣ, зиёдшавии истеҳсоли нӯриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва дигар пайвастагиҳои кимиёвии зараровар, ба қашоқӣ гирифтор шудани қисме аз халқу давлатҳо, афзоиши бемайлони бемориҳои сирояткунанда, тез пиршавии аҳолӣ, қисме аз муаммоҳои экологии минтақа ва ҷаҳон мебошад;

3) Дар асоси таҳлили таҷрибаи хориҷии дар марҳилаи ҳозираи идоракунии босуботи рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо равандҳои ҷаҳонишавӣ чун алоқаҳои хоҷагидорӣ доир ба истифодаи захираҳои табиӣ миёни кишварҳо маҳсуб мешавад.Дар ин партав ҳамгироӣ доир ба захираҳои табиӣ барои давлатҳои навтаъсисшуда ба проблемаи рӯз табдил меёбад. Ин хоҷагиҳои миллӣ дар раванди мубаддал гаштани ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ бо ташкилотҳои пурраи давлатӣ бо мақоми аъзоёни баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо шудаанд;

4) Унвонҷӯй муаммои дигари муҳими такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодаи захираҳои табии ин харобшавӣ ва нобудшавии захираҳои табиӣ мебошад барассӣ намудааст. Вобаста аз ин ҳолат муҳити табиӣ, ки дар ташаккули саломатии одамон мақоми мусбии баланд дорад, аз байн рафта, инсоният дигар имкони гирифтани ғизоро надошта, хароб мегардад.

Аз тарафи дигар, рушди босуръати технологияи давлатҳои пешқадами дунё, шаклҳои гуногуни моликият ва болоравии арзиши сарватҳои табиӣ, аз қабили газу нефт,тилло ва дигар металҳои қимматноки ранга боиси ҳарчи зиёдтар истеҳсол кардани молҳо мегардад;

5) Диссертант қайд намудааст, ки солҳои охир ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳиди паҳн гаштани бемориҳои зукоми паранда ва ё зукоми хук ва бемориҳои сӯхтанӣ, рӯҳии гову дигар ҳайвонот ва Covid-19 гашта, қариб давлате набуд, ки аз ин зарар надида бошад. Бинобар ин, муаммои экологиро имрӯз танҳо дар асоси созишномаҳои байналмиллалӣ ва байнидавлатӣ, махсусан, давлатҳои ҳамсоя ҳаллу фасл намудан имконпазир гашта, ҳеҷ давлати абарқудрати ҷаҳон наметавонад, дар алоҳидагӣ ин масоилро бо пуррагӣ ҳал намоянд.

Аз номи равишҳои дар боло овардашудаи мо маълум мегардад, ки адолати экологиро дар сатҳи боло ва дар дохили ҳар як мамлакат ва ҳар як корхона роҳбар-пешвои комили ба сатҳи олӣ рушдёфта ва

донишманди касбӣ метавонад хирадмандона ҳаллу фасл намуда, рушди устувори неруи инсониро дар мувозинатӣ мувофиқ ба табиату ҷамъият таъмин созад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- дар ҳама марҳилаҳои таҳқиқи диссертатсия, дар иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъоварӣ, коркарди маводи назариявӣ ва методӣ муаллиф мустақилона гузаронида шудааст;
- муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар давраи солҳои 2014-2023 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд;
- натиҷаҳо ва нуктаҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар таҷрибаи фаъолияти хоҷагидории субъектҳои фаъолияти соҳибкории минтақаи вилоят ва ҷумҳурӣ дар амал татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд.
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 24 кори илмии муаллиф, аз ҷумла дар 4 нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд;

Дар маҷлис аз 17 феврали соли 2024 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Абдулов Дилшод Назарович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Усманова Т.Ҷ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Шамсов И.С.**

**17.02.2024**